WIKIPEDIA

# Яҳудситезӣ

Мавод аз Википедиа — донишномаи озод

**Яҳудситезӣ**, **антисемити́зм** (олмонӣ: *Antisemitismus*) — хусумати миллӣ ва динӣ нисбат ба яҳудиён, ки дар Аврупо оғоз ёфта буд. Яке аз сабабҳояш муваффақияти яҳудиён дар заминаҳои тиҷорату бозаргонӣ буда, ихтилофи мазҳаб баҳонае мешуд барои ранҷу озори яҳудиён.

Таассуби нажодӣ аз солҳои 70 асри 19 оғоз ёфта, солҳои 80 асри 19 дар Германия ва Австро-Венгрия ҳизбҳои сиёсии зидди яҳудӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд. Оғози асри 20 эҳсосоти шадиди зиддияҳудӣ дар Франсия ҳукмрон гардид. Солҳои 1905 — 09 дар Русия, бахусус дар Литва, Полша ва Украина ҳаракатҳои зиддияҳудӣ бисёр авҷ гирифтанд. Дар ин солҳо бо дасти гурӯҳҳои террористӣ тақрибан 50 ҳазор яҳудӣ ба қатл расид. Дар фосилаи байни ду ҷанги ҷаҳонӣ мавҷи антисемитизм кишварҳои Руминия, Полша ва Венгрияро фаро гирифт. Дар солҳои 20 ва 30 асри 20 тарғибу тарвиҷи зиддияҳудӣ ва бартарии нажоди ориёӣ аз ҷониби Гитлер ва ҳаммаслаконаш ба авҷи аъло расид. Дар кулли нобасомониҳои Германия яҳудиён гунаҳкор дониста мешуданд. Издивоҷи яҳудиён бо ориёиҳо мамнӯъ эълон гардид ва ин қавм аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ маҳрум карда шуд. Бар асоси қонунҳои соли 1938 моликияти яҳудиёни Германия мусодира гардид. Дар байни солҳои 1939 — 45 аз се як ҳисаи яҳудиёни ҷаҳон нобуд карда шуданд. Бо авҷ гирифтани ҷунбиши сионистӣ (сионизм) ва ташкили давлати Исроил дар соли 1948 эҳсосоти зиддияҳудӣ дар Шарқи Наздик дубора авҷ гирифт.

## Эзоҳ

## Адабиёт


- Яҳудситезӣ / Қ. Расулиён // А — Асос. — Д. : СИЭМТ, 2011. — (Энсиклопедияи Миллии Тоҷик : [тахм. 25 ҷ.] / сармуҳаррир А. Қурбонов ; 2011—2017, ҷ. 1). — ISBN 978-99947-33-45-3



Баргирифта аз "https://tg.wikipedia.org/w/index.php?title=Яҳудситезӣ&oldid=1015906"

**Ин саҳифа бори охир 03:43, 21 сентябри 2018 дигаргун карда шудааст.**

Text is available under the Creative Commons Attribution-ShareAlike License; additional terms may apply. See Terms of Use for details.